**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарипов Умедҷон Абдукаримович дар мавзӯи «Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзӯи диссертатсияи Шарипов Умедҷон Абдукаримович ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ – танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ бахшида шуда, мубрамияти он ба рушди бемайлони фаъолияти соҳибкорӣ ва талаботи субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба навъҳои гуногуни хизматрасонии машваратӣ (дар доираи васеи масъалаҳо, хусусан масоили идораи истеҳсолот, соҳибкорӣ, маркетинг, фурӯш, молия, идораи кормандон, таҳлили иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои гуногуни ҳуқуқӣ, таҳияи шартномаҳо, аудит, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғ.) асоснок карда шудааст.

Қайд карда мешавад, ки дар шароити имрӯза аллакай шахсони воқеӣ низ барои қонеъ гардонидани талаботи ғайри фаъолияти хоҷагидории худ (ба монанди ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон, ҳалли масъалаҳои пешомадаи оилавӣ, маишӣ, тиббӣ ва ғ.) аз хизматрасонии машваратӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Муаллиф дар диссертатсия механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасонии машваратӣ, хусусан қисмати асосӣ – шартномавии онро бо вазъи муосири муомилоти гражданӣи хизматрасониҳои машваратӣ ба андозаи кофӣ ҷавобгӯ нашуморида, қайд менамояд, ки гарчанде дар КГ ҶТ боби 37 ба «Хизматрасонии пулакӣ» бахшида шуда, дар м. 798 хизматрасониҳои машваратӣ дар қатори навъҳои дигари хизматрасонӣ

(хизматрасонии алоқа, тиббӣ, байторӣ (ветеринарӣ), аудиторӣ, иттилоотӣ, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ, туристӣ) ба сифати мавзӯи шартномаи хизматрасонии музднок номбар шуда бошад ҳам, зимнан моддаҳои боби мазкур (м. 797-803 КГ ҶТ) қоидаҳои умумӣ ва якхелаи намудҳои шартномаҳои хизматрасонии дар м. 798 КГ ҶТ номбаршударо муайян мекунанд, ҳол он ки ҳар кадоми ин шартномаҳо дорои хусусиятҳои муҳимме мебошанд, ки аз предмети онҳо бармеоянд.

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки яке аз бандҳои онро «Масъалаҳои танзими шартномавии хизматрасонӣ» дар бар гирифта, фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад, омода гардида, ҳамзамон дар МД Маркази патенту иттилоот (соли 2016) ба қайд гирифта шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба саҳми олимони маъруфи шуравӣ ва муосири рус дар таҳияи илмии ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии хизматрасонӣ ишора намуда, инчунин ба таҳқиқи масъалаҳои навъҳои алоҳидаи хизматрасониҳои музднок машғул будани олимони Тоҷикистон Ш.К. Ғаюров, Д.Ш. Сангинов, Д.Д. Ҳошимов, Э.Д. Кабутов, Н.Д. Исроилова, Б.Б. Қодировро ёдовар шуда, қайд менамояд, ки як қатор масъалаҳои калидии марбути мафҳумҳои «машварат» ва «иттилоот», «хизматрасонии машваратӣ» ва таносуби он бо «хизматрасонии иттилоотӣ», таносуби мафҳум, табиати ҳуқуқӣ ва мазмуни шартномаи хизматрасонии музднокии машваратӣ бо шартномаи хизматрасонии иттилоотӣ ва ғ. то кунун мавзӯи баҳси олимон боқӣ мемонанд, ки ин таҳқиқи минбаъдаи масоили танзими хизматрасонии музднокии машваратиро талаб мекунад.

Таҳлили комплексии ҷиҳатҳои гуногуни танзими шартномавии муносибатҳои вобаста ба хизматрасонии музднокии машваратӣ, инчунин таҳияи тавсияву пешниҳодоти амалӣ оиди такмили механизми танзими ҳуқуқии чунин хизматрасониҳо мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, муаллиф дар доираи он иҷрои як қатор мақсадҳои гузошташуда (муайян намудани мафҳуми «хизматрасонии машваратӣ» ва таносуби он бо мафҳуми «хизматрасонии иттилоотӣ», тавзеҳи хусусияти шаклҳои бастани

шартномаи хизматрасонии муздноки машваратӣ, таҳияи тавсияву пешниҳодот оиди такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии хизматрасонии машваратӣ ва ғ.)-ро ба назар гирифтааст. Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он шаҳодат медиҳанд, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Инчунин дар асоси мақсад ва вазифаҳои мазкур сохти мантиқии таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ муайян гардидааст, ки он ба таҳқиқи мантиқӣ ва муттасили илмӣ имкон додааст.

Ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсия ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усули умумиилмии диалектикии дарк, инчунин усулҳои махсуси илмӣ ба монанди усули шаклӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода шудаанд. Корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ ва шартномавии хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои машваратӣ, бахшида шудаанд, асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил додаанд. Ҳангоми таълифи кори диссертатсионӣ маводи осори илмии дахлдори муҳаққиқони ватанӣ И.Ҳ. Бобоҷонов, У.А. Болтуев, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Менглиев, Д.Д. Ҳошимов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Р.Ш. Сотиволдиев, Н. Шонасридинов ва дигарон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия як қатор нуқтаҳои асосӣ ба монанди мафҳум ва таносуби «машварат» ва «иттилоот», мафҳуми фаъолияти консалтингӣ ва тафовути он бо хизматрасонии машваратӣ ва амсоли инҳо ба ҳимоя баровarda шуда, инчунин муаллиф пешниҳод намудааст, ки бо дарназардошти аҳамияти амалии хизматрасонии машваратӣ, таҳия ва қабули Таснифоти умумиҷумҳуриявии хизматрасониҳои машваратӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Муаллиф қайд намудааст, ки низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии муздноки машваратӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасонии машваратӣ пешниҳод намудааст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти машваратӣ» қабул ва дар КГ ҶТ боби алоҳидаи оид ба

шартномаи хизматрасонии музднoки машваратӣ ҷудо карда шавад (дар диссертатсия ҳамзамон лоиҳаи сохтори Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти машваратӣ» пешниҳод гардидааст).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода мeёбад, ки муаллиф дар пешниҳоду коркарди роҳҳои иҷрои тамоми вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсия ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии дар нашрияҳои махсус батабърасида ироа гардидаанд, муваффақ гардидааст. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии музднoки машваратӣ, инчунин ҷавобгарии ҳуқуқи граждании тарафҳо ва шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро барои вайронкунии шартҳои шартномаи хизматрасонии музднoки машваратӣ таҳқиқ намудааст. Шарҳи хусусиятҳои танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратиро бошад, метавон саҳми муаллиф дар таҳқиқи ин мавзӯъ номид.

Хулосаю пешниҳодоти манзургашта сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оиди истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ пешкаш шудаанд. Навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия далолат мекунанд.

Шарипов Умедҷон Абдукаримович дар давраи таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамзамон муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Мазкур аз фанҳои ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи иқтисодӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дарсҳои лексионӣ ва амалӣ бурда, аз соли 2007 инҷониб таҷрибаи омӯзгорӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди омода намудани матни лексияҳо истифода мешаванд. Муаллиф қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Шарипов Умедҷон Абдукаримович дар мавзӯи «Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии муздноки машваратӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:

Муртазозода Ҷ.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Имзои Муртазозода Ҷ.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.